К*орреляционный анализ СКЖП у женщин в молодом возрасте.* Анализ структуры СКЖП молодых женщин выделяет плеяду с 16 связями на уровне р≤0,000 и р≤0,05. Количество наибольших взаимосвязей можно обнаружит у показателя уровня субъективного контроля «Интернальность в области неудач» и «Интернальность в сфере производственных отношений» (Рисунок 8).




Рисунок 8. Корреляционные связи показателей СКЖП женщин в молодом возрасте
где: ▬▬▬ r > 0, r≤ 0,001, ▬ ▬ ▬ r< 0, r≤ 0,001
——— r > 0, r≤ 0,01; -------- r< 0, r≤ 0,05.

Результаты корреляционного анализа молодых женщин показывают, что у них более интегрированная сеть с большим количеством связей на уровнях р ≤ 0,000 и р ≤ 0,05 по сравнению с молодыми мужчинами. Наибольшее количество связей в структуре субъективной картины жизненного пути (СКЖП) у молодых женщин связано с показателем «Интернальность в области неудач». Это свидетельствует о том, что они проявляют высокую ответственность за жизненные неудачи, что связано с их глубокой вовлеченностью в события своей жизни.

## Заключение

Теоретическое осмысление природы субъективной картины жизненного пути позволяет утверждать, что она является психическим отражением личности своего жизненного пути, в котором запечатлены представления человека о жизненных событиях (прошлого, настоящего и будущего), эмоциональных состояниях и смысложизненных ориентациях. В ходе изучения СКЖП были освещены структурные ее составляющие: событийные,

временные и личностные параметры. В исследовании также рассматривались детерминанты формирования субъективной картины жизненного пути (СКЖП) личности, включая познавательные процессы, личностные и возрастные кризисы, воспитание, обучение, социальные стереотипы, социальное взаимодействие, этнокультурную идентичность, ответственность, инициативу и активность личности. Особое внимание было уделено гендерным и возрастным факторам, влияющим на формирование СКЖП.

Структура субъективной картины жизненного пути детерминирована возрастными и гендерными особенностями. В связи с этим в исследовательской части диссертационного исследования нами были проанализированы возрастные и гендерные различия особенностей СКЖП молодежи. Нашу исследуемую группу составила молодежь в возрасте от 18 до 25 лет, которую мы разделили на две возрастные подгруппы – юность (18-19) и молодость (20-25). Был проведен анализ гендерных различий в общей выборке, между юношеским и молодым возрастом, а также гендерные различия у юных и молодых респондентов. Различия были выявлены почти во всех показателях СКЖП и во временных составляющих, и в событийных, и в контролируемости и в осмысленность жизни.

В результате нашего исследования гендерно-возрастных особенностей субъективной картины жизненного пути, с особым вниманием к молодому возрасту, были выявлены специфические возрастные особенности СКЖП. Теоретический анализ показал, что субъективная картина жизненного пути является психическим образом, в котором отражены прошлое, настоящее и будущее жизни личности. Субъективная картина жизненного пути имеет динамичный характер и связана с возрастными этапами, гендерными факторыми, зависит от окружающей среды и организованности самой личности. Целью своего исследования мы наметили изучение и выявление возрастных и гендерных особенностей субъективной картины жизненного пути на примере молодежи. В качестве гипотезы в нашем исследовании выступило предположение о том, что субъективная картина жизненного пути, в зависимости от факторов пола и возраста, даже с минимальным возрастным различием, дифференцируется. Анализ полученных результатов нашего эмпирического исследования, подтвердил поставленную нами гипотезу. Согласно полученным результатам и в действительности в зависимости от факторов пола и возраста, даже при минимальном возрастном разграничивании субъективная картина жизненного пути и ее составляющие проявляются и формируются дифференциально.

Было обнаружено, что существуют различия во всех составляющих СКЖП, которые выражены во временных, событийных параметрах, в осмысленности и контролируемости жизни. Так:

- для юных более значимым является их прошлое и будущее время, а для молодых настоящее время их жизни. Молодые чувствуют себя взрослее, ожидаемая продолжительность их жизни дольше. Они более целеустремлены, удовлетворены настоящим и менее реализованы в прошлом. Отличаются

осмысленностью жизни в целом. Юные более заинтересованы событиями своей жизни, более насыщены жизненными событиями, удовлетворены настоящим жизненным процессом и более реализованы прошлым опытом, по сравнению с молодежью. Юным представителям свойственна меньшая ответственность в различных жизненных ситуациях. Они проявляют большую экстернальность и имеют более низкий уровень субъективного контроля над значимыми жизненными ситуациями, однако их контроль над собственным поведением выше. Они демонстрируют высокую степень ответственности в различных жизненных сферах, включая неудачи, достижения, производственные и межличностные отношения;

- юные девушки более направлены на будущее время своей жизни, психологически ощущают себя моложе. Жизненные события для девушек значимы, особенно радостные и будущие события их жизни. Юноши психологически ощущают себя взрослее и уровень осмысленности жизни у них выше. У юных девушек более высокий уровень субъективного контроля за повседневные события в различных жизненных сферах. Они склонны верить тому, что им дана контролируемость своего поведения в жизни. В то время как молодые мужчины менее уверены в самоконтроле;

- молодые девушки воспринимают свою жизнь более насыщенной жизненными событиями. Они больше оценивают прошлое время своей жизни и больше впечатлены прошлыми событиями своей жизни и событиями, имеющими радостный характер. Психологически ощущают себя моложе, чем молодые парни. Они удовлетворены прожитой частью своей жизни. У молодых мужчин высокий уровень личностного контроля над своим поведением и контроль над жизненными ситуациями в целом. Молодые парни более экстернальны. Они более ответственны за жизненные достижения и неудачи, а также в сфере здоровья. Молодые девушки менее ответственны по сравнению с противоположным полом, однако проявление ответственности в сфере семейных отношений у них выше;

- гендерная особенность представлений о субъективной картине жизненного пути в молодом возрасте заключается в преобладании у женщин прошлого и будущего времен своей жизни. У них психологический возраст ниже хронологического и меньшая продолжительность жизни. Но они больше оценивают жизненные события, у них более ярко выражены цели на будущее. Парни, в свою очередь, отличаются более позитивным восприятием настоящего. У них высокий психологический возраст, чувствуют себя взрослее, и ожидаемая продолжительность жизни выше. Также они отличаются от девушек более выраженным ощущением осмысленности жизни. У девушек более высокий уровень ответственности за происходящие события в жизни в целом и они в силе контролировать свое поведение в различных жизненных ситуациях. У них высокий уровень субъективного контроля над происходящими семейными событиями и над событиями в сфере здоровья и в сфере достижений. Мужчины обладают способностью контролировать свою жизнь, принимать свободные решения и воплощать их в

реальность. Они проявляют значительную ответственность в отношении неудач и в производственной сфере.

## Рекомендации по практическому использованию результатов исследования

Полученные нами результаты предоставляют возможность глубже понять возрастные и гендерные особенности восприятия жизненного пути, отношение ко времени жизни и к ценностям, жизненным ориентациям и установкам молодого поколения нашей суверенной страны. Данные результаты дают возможность лучше понять личность, жизненные установки и психологию современной молодежи. Их учет может помочь в работе с молодежью при взаимодействии с ними в рамках социально-психологических работ, в развитии социума, включая культурные аспекты жизни молодежи.

## Список публикаций автора

[1-А]. Шарипова М.Ё., Шахнозаи С.Т. Возрастные особенности субъективной картины жизненного пути личности. [Текст] / М.Ё. Шарипова, С.Т. Шаҳнозаи // Вестник Таджикского национального университета. -2016.-№3-5.-С. 273-279. ISSN 2074-1847 (в соавторстве).

[2-А]. Шахнозаи С.Т. Общие понятие о субъективной картине жизненного пути личности. [Текст] / С.Т. Шаҳнозаи // Вестник Таджикского национального университета. -2017. - №3-5. -С.216-218. ISSN 2074-1847.

[3-А]. Шахнозаи С.Т. Событийная структура субъективной картине жизненного пути личности. [Текст] / С.Т. Шаҳнозаи // Вестник Таджикского национального университета. -2019. -№1 С.184-187. ISSN 2074-1847.

[4-А]. Шахнозаи С.Т. Возрастные и личностные кризисы как фактор формирования субъективной картине жизненного пути личности. [Текст] / С.Т. Шаҳнозаи // Вестник Таджикского национального университета. -2019. -№2. С.184-188. ISSN 2074-1847.

[5-А]. Шахнозаи С.Т. Воспитание и обучение как ведущие факторы формирования субъективной картине жизненного пути личности. [Текст] / С.Т. Шаҳнозаи // Инновация в образовании: материалы Международной научно-практической конференции (Г. Томск, 29 октября 2020 года). – Томск: Издательство Томского государственного педагогического университета, 2021. С. 119-123. – 392с.

[6-А]. Шахнозаи С.Т., Ахмедзода Т.А. Изучение особенностей личности как факторов формирующих жизненный путь. [Текст] / С.Т. Шаҳнозаи Ахмедзода Т.А. // Вестник педагогического университета. Издание Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни (Серия 2. Педагогика и психология, методика преподавания гуманитарных и естественных дисциплин). -2022. - №230/ЖР-97.

## Список сокращений

СКЖП – субъективная картина жизненного пути
ПВ – психологический возраст
СР – субъективная реализованность
КВ – коэффициент взрослости
ОПЖ – ожидаемая продолжительность жизни
Прошлое – восприятие прошлого
Настоящее – восприятие настоящего
Будущее – восприятие будущего
Ц – цели
П – процесс
Р – результат
ЛКЯ – локус контроля-Я
ЛКЖ – локус контроля-жизни
СЖО-общий – общий показатель смысложизненных ориентаций
$И_{О}$ – Общая интернальность
$И_{Д}$ – Интернальность в области достижений
$И_{Н}$ – Интернальность в области неудач
$И_{С}$ – Интернальность в семейных отношениях
$И_{П}$ – Интернальность в области производственных отношений
$И_{М}$ – Интернальность в области межличностных отношений
$И_{З}$ – Интернальность в отношении здоровья и болезни
ОКС – общее количество событий
КПС – количество событий прошлого
КБС – количество событий будущего
КРС – количество радостных событий
КГС – количество грустных событий
ВС – вес событий
ВПС – вес прошлых событий
ВБС – вес будущих событий
ВРС – вес радостных событий
ВГС – вес грустных событий
ЗС – количество значимых событий
СУЗ – количество событий умеренной значимости
СМЗ – количество событий малой значимости
РРС – ретроспекция радостных событий
РГС – ретроспекция грустных событий
РЦ – ретроспекция в целом
АРС – антиципация радостных событий
АГС – антиципация грустных событий
АЦ – антиципация в целом.

***Условные обозначения к уровням значимости различий:***

* - показатель статистической значимости на уровне $p \leq 0,05$;

** - показатель высокий статистической значимости на уровне $p \leq 0,01$ и $\leq 0,001$.

***Условные обозначения к корреляционным плеядам:***

——— обозначение положительной связи на уровне $p \leq 0,01$;

——— обозначение положительной связи на уровне $p \leq 0,05$;

— — — обозначение отрицательной связи на уровне $p \leq 0,01$;

--------- обозначение отрицательной связи на уровне $p \leq 0,05$.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 159. 923; 612. 013. (575.3)

**ШАҲНОЗАИ САЪДИ ТАБАРӢ**

# ХУСУСИЯТҲОИ ГЕНДЕРӢ ВА СИННУСОЛИИ ТАСВИРИ СУБЪЕКТИВИИ МАСИРИ ҲАЁТИ ШАХС (ДАР МИСОЛИ ҶАВОНОНИ ТОҶИК)

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD),
доктор аз рӯи ихтисоси 6D050301 – Психологияи умумӣ,
психологияи шахс, таърихи психология

**Душанбе – 2024**

Диссертатсия дар кафедраи психологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Шарипова Мадина Ёдгоровна** - номзади илмҳои психологӣ, дотсенти кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Бобоева Сайёра Бобораҷабовна -** доктори илмҳои психологӣ, дотсенти кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Худжанд ба номи С. Улуғзода

**Саидзода Аҳмадшо Раҳматшо** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психологияи Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷи ба номи С. Улуғзода

**Муассисаи тақриздиҳанда:** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айни

Ҳимояи диссертация «28» декабри соли 2024 соати 09:00 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-066 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, Шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 15) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия ва автореферати он дар китобхонаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо суроғаи 734025, ш. Душанбе, хиебони Рудакӣ, 17 ва сомонаи расмии ДМТ http://www.tnu.tj. шинос шудан мумкин аст.

Автореферат дар санаи «_____» _______________ соли 2024 фиристода шуд.

**Котиби илмии**
**Шурои диссертатсионӣ,**
**Номзади илмҳои психологӣ,**
**дотсент** **Сафарова З.Р.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот**. Имрӯзҳо рушди иҷтимоӣ дар чунин марҳалае қарор дорад, ки дар тамоми соҳаҳои ҳаёт тағйиротҳои босуръат ба амал меоянд, шахсият низ бо унсурҳои таркибии психологии худ аз ин раванд дар канор намондааст. Рушди ҷомеа ҳам аз назари таърихӣ, илмию техникӣ ва ҳам иҷтимоиву психологӣ дар тули асрҳо якранг набуд, аммо ҷаҳишҳои якбораи тағйирот дар давоми тақрибан як асри охир равшантар эҳсос шуданд. Тағйирот дар миқёси ҷаҳонӣ аз пайи худ навташкилаҳои сифатиро натанҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ, балки дар унсурҳои равонии сохтори ҳаёти ҳам узвҳои алоҳидаи ҷомеа ва ҳам ҷомеа дар умум низ ба вуҷуд оварданд. Одам ҳамчун мавҷудоти иҷтимоӣ дар тули тамоми ҳаёташ ба инкишофёбӣ, шукуфоӣ ва беҳтаргардонии оянда мекӯшад, ки онро моҳиятан тағйир додааст ва минбаъд низ бо роҳи таъсир расонидан ба раванди рушди хеш, инчунин ба муҳити иҳотакарда, онро идома хоҳад дод.

Дар раванди инкишофёбии худ ҷомеа аз назари иҷтимоиву психологӣ таҳаввул мекунад, ҷаҳонбинии одам тағйир меёбад ва ӯ муҳити иҳотакардаро ба тарзи нав дарк менамояд. Дар баробари ин муносибати одам ба омилҳои муайянкунандаи тасвири ҳаёт шакл мегирад, ки ба таври махсус аз рӯи синнусол муайян шуда аст. Ин зуҳурот гувоҳи он аст, ки дар раванди инкишофёбии муҳити иҳотакарда, олами равонии одам низ тағйир меёбад, ки тавассути он тасвири ҳаёти ояндаи чашмдошт низ дигаргун мешавад. Дар шахсият доир ба арзишҳо, самтёбиҳо, нақшаҳо, ҳадафҳо ва умедҳои ҳаётӣ, ки ҳастаи тасвири субъективии масири ҳаёти шахсро ташкил медиҳанд, тасаввуроти нав шакл мегирад.

Таҳқиқоти рисолаи диссертатсионии мо ба заминаҳои ҷинсию синнусолии ҳамин падида бахшида шудааст. Хусусиятҳои психологии мардон ва занон ба таври бевосита ба унсурҳои сохтории тасвири субъективии масири ҳаёт таъсир мерасонанд, синну сол бошад, яке аз сабабиятҳое ба шумор меравад, ки самти ҳаётиро муайян мекунад ва тасвири масири ҳаётро тавассути призмаи тағйироти синнусолии шахсият ба таври марҳаланок ташаккул медиҳад. Адабиёти мувофиқро доир ба унсурҳои ҷинсиву синнусолии ТСМҲ- шахс таҳлил карда истода, мо дар синни ҷавонӣ (18-25 сола) қарор гирифтем. Дар психологияи ватанӣ синни ҷавонӣ, дар доираи ин мавзӯ ба таври нокифоя баррасӣ гардидааст ва аз ин рӯ аз ҷониби мо аз назари таҳқиқотӣ мавзӯи ояндадор ҳисобида шуд. Синни ҷавонӣ инчунин таваҷҷуҳи моро аз он ҷиҳат ҷалб намуд, ки - он марҳалаи ҷолиби фаъолии шахс дар сохтани ҳаёти хеш мебошад. Ин давра марҳалае мебошад, ки одам худ масъули ҳаёти хеш, нақшаҳо, ҳадафҳои ҳаётии худ аст, замонест, ки худшиносии шахс ба мустақилияти шахсӣ ва камолоти муайян мерасад. Ҳамин тавр, таҳқиқи тасвири субъективии масири ҳаёти шахс дар давраи ҷавонӣ бо назардошти хусусиятҳои ҷинсӣ ва синнусолӣ ба назари мо масъалаи нисбатан мубрам мебошад.

Фосилаи синнусолии аз 18 то 25 солагӣ марҳалаи муҳиме ба шумор меравад, ки дар он заминаҳои самти минбаъдаи ҳаёти шахс муайян мегардад,

вақте ки одам мустақилияти бештар, масъулияти ҳаёт ва рафтору кирдори хешро дорад, имконияти интихоби мустақилона дар соҳаҳои мухталифи ҳаётӣ ба вуҷуд меояд. Дар аксар ҳолатҳо самти ҳаётии дар ин марҳала шаклгирифтаро (фаъолияти меҳнатӣ, касб, никоҳ, шуғлҳои ҳаётӣ ва ғ.) шахс то охири умр идома медиҳад. Дар умум, ин марҳалаи гирифтани касб, оилабарпокунӣ, оғози ҳаёти мустақилонаи оилавӣ ва муносибатҳои маҳрамона – ҳамчун нигоҳдории муносибатҳои мутақобила, омезиш ба ҳувийяти шахси дигар бидуни хавфи аздастдиҳии худ (Э. Эриксон), тавсиф меёбад.

Ҳамин тариқ, омӯзиши хусусиятҳои тасвири субъективии масири ҳаёти давраи ҷавонӣ (18-25) дар қаринаи хусусиятҳои ҷинсию синнусолӣ ба назари мо яке аз масъалаҳои мубрам ба шумор меравад. Гуруҳи таҳқиқотии моро доираи ҳафтсолаи синусолӣ дар бар мегирад, бо дарназардошти ин озмудашавандагон ба ду гуруҳи синнусолӣ ҷудо карда шуд: 18-19 сола навҷавонӣ (охири навҷавонӣ ё давраи калони навҷавонӣ) ва 20-25 сола давраи ҷавонӣ.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ.** Бори аввал истилоҳи ТСМҲ аз ҷониби Б.Г. Ананев қайд гардида ва пешниҳод ҳуда аст (1980), ки таърихи пайдоиши тасвири субъективии масири ҳаётро омӯхта, тасаввуроти субъективии шахсро доир ба масири ҳаёти худ муайян намуда буд. Б.Г. Ананев дар омӯзиши масъалаи мушаххаси “давраи ҳаёти шахс” ва масири ҳаёт ҳамчун унсури таркибии он саҳм гузоштааст, ба ин масъала минбаъд аллакай дар солҳои 2000-ум дар корҳои А.А. Кроник, Е.И. Головаха и Р.А. Ахмеров иловаҳои моҳиятӣ ворид карда шуд.

Дар саргаҳи омӯзиши тасвири субъективии масири ҳаёти шахс олимон-асосгузорони ин масъала ва муаллифони ин мафҳуми психологӣ Б.Г. Ананев ва Л.С. Рубинштейн меистанд, ки омӯзиши он дар мактабҳои зери роҳбарии онҳо амалкунанда инкишоф ёфтааст. Бо шарофати корҳои ин олимон ТСМҲ дар илмҳои психологӣ ҳамчун масъалаи махсус ва муҳими омӯзиши худшиносӣ инкишоф ёфта, ба мавзӯи нави таҳқиқот табдил гардид ва минбаъд тавсифдиҳандаҳои мухталифи ин мафҳум омӯхта шуданд: самти рӯйдодиву замонии ТСМҲ, дар корҳои Е.И. Головаха, А. А. Кроник, Р.А. Ахмеров, Н.А. Логинова ва диг. нишон дода шудааст, дар таҳқиқи хотири тарҷимаҳолии шахс метавон саҳми В.В. Нуркова, Н.А. Логинова, Л.А. Регуш ва дигаронро мушоҳида намуд, аз рӯи масъалаи дарки давомнокии ҳаёт ва дурнамои замонӣ А.А. Бодалев, К.А. Абулханова-Славская, В.И. Ковалев, Т.Н. Березина, М.Р. Гинзбург, Л.В. Бороздина, Е.И. Головаха, С.В. Горбатов, В.С. Мухина, А.А. Кроник, Л.А. Регуш ва дигарон таҳқиқот анҷом доданд. Дар хориҷи дур ба омӯзиши тасвири субъективии масири ҳаёт муҳаққиқони шинохта ба мисли П. Жане, Ш. Бюлер, Ж. Нютен, К. Левин, Л. Франк, Х. Том ва дигарон машғул шудаанд.

Бори аввал ба омӯзиши функсияҳои психофизиологии марҳалаи дери ҷавонӣ ва барвақти калонсолӣ Б.Г. Ананев ва пайравони ӯ Е.Ф. Рибалко, Н.А. Гришенко-Розе, Е.И. Степанова, Л.Н. Кулешова ва дигарон рӯ оварданд. Дар таҳқиқотҳои Ш. Бюлер, Б.Г. Ананев, С.Л. Рубинштейн,

Н.А. Логинова, Х. Том, Г. Олпорт, А.А. Кроник, Р.А. Ахмеров ва дигарон истифодаи манфиатноки раҳёфти психологияю автобиографӣ ба масъалаи рушди шахсият дар марҳалаи калонсолӣ нишон дода шуд.

Таҳлили корҳои илмии ба омӯзиши ТСМҲ- и шахс бахшидашуда нишон дод, ки новобаста аз мавҷудияти таҳқиқотҳои муайян дар самти омӯзиши унсурҳои таркибии ТСМҲ, ба таҳқиқи сабабияти синнусолӣ ва ҷинсии он камтар рӯ оварда шудааст, ки ин ҳангоми интихоби мавзӯи таҳқиқотӣ таваҷҷуҳи моро ба худ ҷалб намуд. Принсепҳои илмии ба ҷанбаи синнусолии тасвири субъективии масири ҳаёти шахс бахшидашуда, аз ҷониби В.Р. Манукян дар соҳаи буҳронҳои маршҳалаи калонсолӣ ва К.В. Костено дар соҳаи қаноатмандӣ аз ҳаёт дар пиронсолӣ, коркард шудаанд. Таҳқиқи ТСМҲ-и синни навҷавонӣ ва ҷавонӣ дар психологияи хориҷӣ ба таври нисбатан васеътар дар корҳои Е.В. Самосадова Ю.Б. Шликова, В.Ю. Ейбоженко, Н.Ф. Сухарева, Г.И. Ефремова ва Г.В. Тимошенко ва дигарон мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Дар психологияи ватанӣ тасвири субъективии масири ҳаёти шахс дар ҷанбаи этнофарҳангии он аз ҷониби М.Ё. Шарипова омӯхта шудааст.

Қайд кардан муҳим аст, ки таҳқиқи тасвири субъективии масири ҳаёти шахс дар психологияи ватанӣ соҳаи нисбатан "ҷавон" ба шумор меравад ва на танҳо ба омӯзиши механизмҳои тасаввури масири ҳаёти худ аз ҷониби шахс дар марҳалаҳои мухталифи синнусолӣ, балки инчунин ба таҳқиқотҳои зиёд дар самти омилҳои ташаккулёбии он ниёз дорад. Аз ин рӯ кори диссертационии мо дар самти ҷанбаи ҷинсиву синнусолии ин падида метавонад заминаи такягоҳӣ барои корҳои таҳқиқотии минбаъда, дар ин самт гардад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзӯҳои илмӣ.** Рисолаи диссертатсионӣ дар чаҳорчубаи корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2023 иҷро ва омода карда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

**Ҳадафи таҳқиқот** – омӯзиш ва ошкорнамоии хусусиятҳои синнусолӣ ва ҷинсии тасвири субъективии масири ҳаёт (ТСМҲ)- и шахс дар мисоли ҷавонони тоҷик ба шумор меравад.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

1. Таҳлили адабиёт аз рӯи мавзӯи таҳқиқот ва омӯзиши сохтори тасвири субъективии масири ҳаёти шахс;
2. Интихоби методикаҳои ташхисии таҳқиқот;
3. Ташкил намудани гуруҳчини таҳқиқот;
4. Муайян намудани хусусиятҳои ҷинсӣ ва синнусолии тасвири субъективии масири ҳаёти шахс дар синни ҷавонӣ;
5. Гузаронидани таҳлили коррелятсионӣ дар байни нишондиҳандаҳои ҷанбаҳои ҷинсӣ ва синнусолии тасвири субъективии масири ҳаёт;

6. Гузаронидани таҳлили муқоисавии тасвири субъективии масири ҳаёт дар навҷавонону ҷавонон ва намояндагони гуруҳҳо вобаста ба мансубияти ҷинсии онҳо.

**Нововарии илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки:

- шартҳои ҷинсӣ ва синнусолии ташаккулёбии тасвири субъективии масири ҳаёт исбот карда шуд;
- бори аввал дар психологияи ватанӣ хусусиятҳои синнусолии тасвири субъективии масири ҳаёти шахс дар мисоли ҷавонони донишҷӯ омӯхта шуд;
- тафовути ҷинсии тасвири субъективии масири ҳаёт ошкор карда шуд;
- бори аввал дар шароити Тоҷикистон таҳқиқоти таҷрибавию муқоисавии хусусиятҳои ҷинсии тасвири субъективии масири ҳаёт дар навҷавонон ва ҷавонони донишҷӯ гузаронида шуд.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот** дар вусъат бахшидан ва пурра гардонидани донишҳо доир ба хусусиятҳо ва сабабиятҳои ТСМҲ, аз ҷумла омилҳои ҷинсӣ ва синнусолии ташаккулёбии он ифода меёбад. Натиҷаҳои бадастовардашударо метавон ҳангоми кор бо ҷавонон баҳри беҳтаргардонии ҳамкорӣ бо онҳо ва тарбияи самарабахши чунин сифатҳо ба мисли масъулияти шахсӣ барои ҳаёти хеш ва мустақилият дар тасмимгириҳои ҳаётӣ дар онҳо истифода намуд. Натиҷаҳои аз таҳқиқоти баргузоргардида ба дастовардашуда метавонад дар тадриси фаннҳои психологияи шахс, психологияи гендерӣ, психологияи синнусолӣ ва психологияи иҷтимоӣ истифода бурда шавад.

Аҳамияти амалии кор дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои таҳқиқот ба ҳалли як қатор масъалаҳои ба шахсият дар синни ҷавонӣ дахлдошта, ҳангоми муайян кардани роҳи ҳаёт, мулоҳизашавандагӣ, назоратшавандагӣ ва дарки ҳаёт дар умум мусоидат карда метавонанд. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқотро метавон ҳангоми кор бо ҷавонон: расонидани кумакки психологӣ; ташкили курсҳо доир ба психологияи синнусолӣ, гендерӣ ва психологияи шахс; машварати психологӣ истифода намуд.

**Объекти таҳқиқотро** тасвири субъективии масири ҳаёти шахс ташкил медиҳад.

**Предмети таҳқиқот** хусусиятҳои синнусолӣ ва ҷинсии тасвири субъективии масири ҳаёти шахс дар синни ҷавонӣ ба шумор меравад.

**Фарзияи таҳқиқот.** Тасвири субъективии масири ҳаёт вобаста ба зинаи ҳадди ақали синнусолӣ ва омили ҷинсият тафовут пайдо мекунад. Фарзияи умумӣ дар чунин тахминҳои илмии ҷузъӣ инъикос меёбад:

1. Ҳангоми синну соли ҳадди ақал фосилаи фарқгузории байни даркшавандагӣ, мулоҳизашавандагӣ ва масъулияти шахсӣ ҳамчуни унсурҳои таркибии тасвири субъективии масири ҳаёт тағйир меёбад.

2. Ҳангоми шаклгирии тасвири субъективии масири ҳаёт омили ҷинсият ба он тағйироти ҳам сифатӣ ва ҳам микдорӣ ворид менамояд.

3. Дар вобастагӣ аз таъсири омилҳои синнусолӣ ва ҷинсӣ тасвири субъективии масири ҳаёт сохтори дигаргуна пайдо мекунад.

4. Бо вуҷуди сабабияти умумии ҷинсиву синнусолии ТСМҲ дар синну соли навҷавонӣ ва ҷавонӣ тафовутро мушоҳида намудан мумкин аст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Дар чаҳорчубаи кори таҳқиқотии додашуда муаллиф тафовути ҳам синнусолӣ ва ҳам ҷинсии ташаккули тасвири субъективии масири ҳаёт дар синни ҷавониро таҳқиқ намуд. Инчунин аз тарафи муаллиф махсусиятҳои синнусолӣ дар буриши ҷинсии идроки ҳаёти хеш ва муносибат ба он ошкор карда шуд. Натиҷаҳои бадасовардашуда метавонанд захираи мавҷудаи таҳқиқоти психологии ба омӯзиши масъалаи худшиносии ҷавонон равонашударо пурра намоянд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми кор (пешгирии, инкишофдиҳӣ, машваратдиҳӣ ваислоҳнамоии психологӣ) бо ҷавонон дар соҳаҳои мухталифи иҷтимоӣ муфид бошанд.

**Мувофиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ “Хусусиятҳои ҷинсӣ ва синнусолии тасвири субъективии масири ҳаёти шахс (дар мисоли ҷавонони тоҷик)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), ба шиносномаи тахассуси 6D050301 – психологияи умумӣ, психологияи шахс, таърихи психология, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ таҳти №267 аз 30.06.21 сол тасдиқ гардидааст, мувофиқат мекунад.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда**

1. Омили синнусолӣ ба даркшавандагии бештари ҳаёт, мулоҳизашавандагии он ва масъулияти худи шахс – субъекти ҳаёти хеш мусоидат менамояд. ТСМҲ- и навҷавонон ва ҷавонон аз рӯи сохтори нишондиҳандаҳои рӯйдодӣ ва замонӣ, аз рӯи самтёбиҳои маъноиҳаётӣ ва сатҳи назоратшавандагии ҳаёт аз ҳам фарқ мекунанд;

2. Тафовути гендерии ТСМҲ дар дараҷаи аҳамиятнокии рӯйдодҳои ҳаётӣ, характери онҳо ва миқдори рӯйдодҳои ретроспективӣ зоҳир мешавад. Ҷавонписарон нисбатан масъулиятнок, ҳадафманд ва интерналӣ мебошанд, дар ҳоле ки дар ҷавондухтарон даркшавандагӣ, аҳамиятнокии дарки давомнокии ҳаёт (гузашта ва оянда) баландтар ва синни психологӣ пасттар аст;

3. Омили ҷинсиву синнусолӣ ба сохтори нишондиҳандаҳои ТСМҲ таъсир мерасонад. Дар ҷавонписарон синни психологӣ баландтар буда, нисбатан интерналӣ мебошанд ва дар онҳо қисми сипаригардидаи ҳаёт бештар даркшаванда аст. Идроки ҷавондухтарон пур аз рӯйдодҳои ҳаётӣ буда, аз назари психологӣ худро ҷавонтар ва дар соҳаи муносибатҳои оилавӣ бештар масъулиятноктар ҳис менамоянд. Ҷавонписарон бештар ҳадафманд, қобил ба назорати ҳаёти хеш буда, дар онҳо даркшавандагии ҳаёт ва синни психологӣ баландтар аст. Дар ҷавондухтарон дараҷаи назоратшавандагии ҳаёт ва аҳамиятнокии давомнокии ҳаёт (оянда) баландтар аст ва онҳо ғанӣ аз рӯйдодҳои ҳаётӣ буда, нисбатан интерналӣ мебошанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқот бо ёрии меъёри параметрии t-Стюдент ва меъёри ғайрипараметрии U-Манн-Уитни коркард карда шуданд. Таҳлили коррелятсинӣ тавассути методи ҳисоби коэфитсиенти коррелятсияи r-Пирсон анҷом дода шуд. Дар марҳалаи

коркарди натиҷаҳои таҳқиқот бастаи амалии барномаи коркарди омории маълумот бо истифодаи бастаи «SPSS Statistics 22.0» истифода карда шуд.

**Апробатсияи натиҷаҳои таҳқиқот.** Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои бадастовардашуда дар: Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати профессорону устодон ва кормандони ДМТ, бахшида ба "20-умин солгарди "Рӯзи ваҳдати миллӣ" ва "Соли ҷавонон"" (ш. Душанбе, 2017) (маърӯзаи қисми назариявӣ), Конференсияи Ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзӯи "Раванди навтарини тарбия ва таълим дар олами муосир" (ш. Душанбе, 2018), Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи "Навоварӣ ва таҳсилот" (ш. Томск, 2021) ва ҷаласаҳои кафедраи психологияи Донишгоҳи милли Тоҷикистон (2017, 2018 ва 2023) баррасӣ карда шуданд.

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертация.** Аз рӯи мавзӯи диссертатсия 6 мақола ба табъ расидааст, ки 5-тои он ба нашрияҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсинии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда, ворид карда шудааст.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Рисолаи диссертатсионӣ аз муқаддима, ду боб, ҷамъбастҳо, хулоса, рӯихати адабиёт бо дарбаргирии 164 сарчашмаҳо ва пешниҳодҳо иборат аст. Дар матни диссертатсия 14 ҷадвал ва 8 расм оварда шудааст. Мазмуни асосии кор дар 150 саҳифа баён гардидааст.

## ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар **муқаддима** рӯзмаррагии мавзӯ, дараҷаи омӯзиши он оварда шудааст, объект, предмет, ҳадаф ва вазифаҳо муайян карда шудаанд, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот асоснок карда шудааст, навовариҳои илмии таҳқиқот ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда баён гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия – "Шарҳи назариявию методологии адабиёт доир ба омӯзиши тасвири субъективии масири ҳаёти шахс ва заминаҳои ҷинсиву синнусолии он" – ба таҳлили назариявии табиат ва моҳияти тасвири субъективии масири ҳаёт (ТСМҲ), унурҳои сохторӣ ва омилҳои ташаккулёбии ТСМҲ-и шахс бахшида шудааст, бахусус шартҳои ҷинсӣ ва синнусолии ТСМҲ дар синни ҷавонӣ баррасӣ карда шудааст.

Дар параграфи якум – "Моҳият ва табиати тасвири субъективии масири ҳаёт ва тавифдиҳандаҳои асосии он" – қайд карда мешавад, ки хусусияти асосии дарки ҳаёт дараҷаи маърифат ва инъикоси олами инфиродӣ ва иҷтимоии худ аз ҷониби одам, яъне пуррагии тасаввуроти одам доир ба масири ҳаёт ва олами иҳотакарда мебошад, ки мо тасвири субъективии масири ҳаёти шахс меномем. Дар ин қисм мафҳумҳои масири ҳаёт, субъекти масири ҳаёт ва муҳимияти ташаккулёбии ТСМҲ дар ҳаёти рӯзмарраи шахс кушода дода мешавад, ки мувофиқи он ТСМҲ – ин образи психикиест, ки ҳам олами ботинӣ ва ҳам берунии шахсро инъикос менамояд ва моҳияти он дар мулоҳизашавандагии масири ҳаёт ифода меёбад. Мувофиқан, ТСМҲ фаъолияти бошууронаи инсон ба ҳисоб рафта, дар худ системаи омилҳои бо сохтори масири ҳаёт алоқамандро, дар бар мегирад: таҷрибаи дар раванди ҳаёт бадастовардашудаи фардӣ (ҳаёти сипаригардидаи худ) ва ҷамъиятӣ (меъёрҳои

иҷтимоӣ, анъанаҳо, фарҳанг, инчунин рӯйдодҳои нави ҳаётӣ ва монанди инҳо) - ро муттаҳид менамояд:

Масири ҳаёт бо маҷмуи робитаҳои мутақобилаи воқеияти иҳотакарда бо олами ботинии инсон тавсиф дода мешавад, ки бо шарофати он шакл ва намудҳои мухталифи фаъолият, муносибатҳои байниҳами, тағйиротҳо ва динамикаи рушд амалӣ мегардад. Қонуниятҳои инкишофи одамро, ки ба таври мутаносиб аз як марҳала ба марҳалаи дигар ҷараён мегирад, таҳлил карда истода, масири ҳаётро метавон чун маҷмӯи рӯйдодҳои муайян тафсир намуд, ки ҷараёни ҳаётро ба тарви назаррас тағйир медиҳанд ва ба он мазмуну моҳияти нав мебахшанд.

Дар параграфи дувум – “Унсурҳои сохтории тасвири субъективии масири ҳаёти шахс” – унсурҳои асосии ташкилдиҳандаи сохтори ТСМҲ- и шахс: рӯйдодӣ, замонӣ ва шахсиятӣ баррасӣ гардидаанд.

*Рӯйдод ҳамчун унсури бунёдии ТСМҲ.* Рӯйдод ҳамчун яке аз унсурҳои асосии таркиби ТСМҲ-и шахс дида баромада мешавад, ки тавассути он таҷрибаи ҳаётии инсон ҷамъ шуда тасаввуротҳо дар бораи масири ҳаёт шакл мегирад. Аз рӯи ҷадвали замонӣ рӯйдодҳоро метавон ба гузашта, ҳозира ва оянда ҷудо намуд. Нисбат ба соҳаҳои ҳаёт рӯйдодҳоро метавон ба: рӯйдод дар соҳаи тиҷорат, оила, дӯстӣ, рӯйдод дар соҳаи нокомиҳо ва бемориҳо ҷудо намуд. Дар алоқамандӣ аз оқибатҳои рӯйдодҳо онҳоро қибати мусбидошта ва оқибати манфидошта тақсим мекунанд. Мувофиқ ба дараҷаи аҳамиятнокиашон рӯйдодҳоро метавон ба аҳамиятнок, камаҳамият ва миёнааҳамият ҷудо кард. Аз рӯи давомнокиашон бошад, рӯйдодҳои лаҳзавӣ, миёнамуддат ва дарозмуддат (ё кутоҳмуддат ва дарозмуддат) фарқ карда мешаванд.

*Параметрҳои замонии ТСМҲ.* Ҳангоми ташаккулёбии ТСМҲ нақши муайянкунандаро омили вақт иҷро мекунад. Одам ҳамеша ба замон мутамарказ шуда истода, масири ҳаёти худро эҷод мекунад ва месозад – ҳадафҳо, нақшаҳо, мароми амал аз рӯи тартиби муайяни замонӣ ва марҳалаҳо зоҳир мешаванд ва амалӣ мегарданд. Ҳар як шахс метавонад доир ба замон тасавввуроти мухталиф дошта бошад.

*Параметрҳои шахсиятии ТСМҲ.* Ба параметрҳои шахсиятии ТСМҲ масъулиятнокии субъект, локус назорат ва даркшавандагии ҳаётро шомил медонанд, ки дар алоқамандӣ бо онҳо шахс масири ҳаёти худро инъикос менамояд. Ин параметрҳо равияи ҳаётии шахс ва муносибати ӯро ба вазъиятҳои мухталифи ҳаётӣ муайян мекунанд. Инчунин, онҳо образи махсуси идроки оламро дар ҳар як шахс ба вуҷуд меоваранд.

Дар параграфи сеюм “Омилҳои асосии ташаккулёбии тасвири субъективии масири ҳаёти шахс” – омилҳои асосии ташаккулёбии ТСМҲ-и шахс баён гардидааст. Ба ин омилҳо бӯҳронҳои шахсиятӣ ва синнусолӣ, равандҳои маърифатӣ, тарбия, таълим, ҳувийяти этнофарҳангӣ, ҷомеа, стереотипҳои иҷтимоӣ ва фарҳангро дохил менамоянд. Ҳамагуна зуҳурот дар ҳаёти одам бо шарофати таъсири омилҳои муайян ба амал меояд. Худи мафҳуми омил ҳамчун сабаб ё вазъияти муайяне фаҳмида мешавад, ки ба

раванди шаклгирии зуҳурот таъсир мерасонад. Ба раванди ташаккулёбии тасвири субъективии масири ҳаёт тамоми *омилҳои* номбаршуда таъсири муҳим мерасонанд ва як навъ занҷираи алоқаҳои байниҳамиро ташкил медиҳанд. Дар асоси ин омилҳо шахс моҳияти мавҷудияти ҳаёти худро маърифат мекунад ва тасвири субъективии масири ҳаёти худро месозад.

Дар параграфи чаҳорум “Заминаҳои ҷинсӣ ва синнусолии ташаккулёбии тасвири субъективии масири ҳаёти шахс дар синни ҷавонӣ” – омилҳои ҷинсию синнусолии ТСМҲ- и шахс дар синни навҷавонӣ ва ҷавонӣ баррасӣ гардидааст. Моҳияти омилҳои ҷинсӣ ва синнусолӣ дар тасвири субъективии масири ҳаёт иборат аст аз шарҳи тавсифдиҳандаҳои мухталифи иҷтимоии мардон ва занон дар буриши синнусолӣ. Хусусияти заминаи ҷинсиву синнусолии тасвири субъективии масири ҳаёт дар он ифода меёбад, ки зери таъсири тафовутҳои ҷинсӣ сохтори таркибии он шакл мегирад, ки ба мардон ва занон дар давраи муайяни синнусолӣ хос аст. Инчунин назарияҳои гуногун ва натиҷаҳои корҳои таҳқиқотии ҷанбаи ҷинсиву синнусолии ин гуруҳчини таҳқиқотӣ оварда шудааст. Тамоми марҳалаҳои синнусолии кушода додашуда барои омӯзиши таҳаввул (ва дар айни замон таназзули)-и шахсият дар онтогенез, ки ба тасаввуроти шахс оид ба ҳаёти худ дар давраҳои гуногуни синнусолӣ таъсир мерасонанд, шароит фароҳам овардaнд. Мафҳуми синнусол заминаи зуҳуротеро ташкил медиҳад, ки шахсро ҳамеша дар раванди тағйирёбии доимӣ нигоҳ медорад ва омили муайянкунандаи таҳарруки рушди шахсият ба шумор меравад. Ҳар як марҳалаи рушди инсон ба худ хос аст ва аз марҳалаҳои дагар фарқ мекунад. Асосан, тафовутро метавон дар тарзи идрок ва танзими масири ҳаёти худ аз ҷониби одам мушоҳида намуд, ки бо тағйирот дар функсияҳои организм алоқаманд аст. Ҳамин тавр, ба хулоса омадан мумкин аст, ки масири ҳаёт на танҳо дар зери таъсири омилҳои иҷтимоиву маданӣ, балки дар асоси омилҳои синнусолӣ низ шакл мегирад.

Даркшавандагии ҳаёт, танзими яклухти ҳаёт, банақшагирии масири ҳаёт, амалкарди рефлексия бо назардошти тағйироти синнусолӣ ва нақшҳои ҷинсӣ зоҳир мешаванд. Ин шартҳо бешубҳа ба сохтани тасвири субъективии масири ҳаёти шахс ва сохтори он таъсир мерасонанд ва ба тарзи муайян хусусиятҳои гендерии фаҳмиши тасвири ҳаёт дар марҳалаҳои гуногуни синнусолиро ташкил медиҳанд.

Боби дуюми диссертатсия “Таҳқиқи эмпирикии хусусиятҳоис исннусолӣ ва ҷинсии тасвири субъективии масири ҳаёти шахс да синни ҷавонӣ” – аз панҷ параграф иборат аст.

Параграфи якум (боби дувум) “Тавсифи гуруҳчин, ташкили таҳқиқот ва методҳои таҳқиқ” – тавсифи интихоби методикаҳои таҳқиқ, марҳалаҳои баргузории таҳқиқоти эмпирикиро фаро мегирад, ки дар он тавсифи гуруҳчини озмоишӣ низ оварда шудааст. Бо мақсади ошкор намудани хусусиятҳои ҷинсиву синнусолии ташаккулёбии ТСМҲ- и шахс дар ду гуруҳи синнусолӣ, чунин методҳои таҳқиқотӣ интихоб карда шуданд: методикаи “Баҳодиҳӣ ба фосилаҳои панҷсола” ((А.А. Кроник ва Е.И. Голова),

“Автобиографияи психологӣ” (Л.Ф. Бурлачук ва Е.Ю. Коржова), тести мулоҳизашавандагии ҳаёт (МҲ) (Д.А. Леонтев), тест – пурсишномаи “Дараҷаи назорати субъективӣ” (ДНС) (Е.Ф. Бажин, Е.А. Голинкин ва А.М. Эткинд), методика “Дифференсиали семантикии замон” (Л.И. Вассерман).

*Гуруҳчини таҳқиқотӣ* аз 200 нафар одам бо синнусоли аз 18 то 25 солаи забони русиро хуб балад буда иборат буд. Гуруҳчиниро донишҷӯёне ташкил медианд, ки дар гуруҳҳои русӣ таҳсил мекунанд ва бо ин забон озодона ҳарф мезананд. Ҳангоми истифодаи методҳои ташхисӣ бо забони русӣ маҳз ин далел ба асос гирифта шуд. Аз рӯи таносуби ҷинсӣ гуруҳчин аз 96 нафар мард ва 104 нафар занон иборат аст. Намояндагони синни навҷавонӣ (18-19 сола) – 76 нафар ва синни ҷавонӣ (20-25 сола) – 124 нафар. Синни миёна барои гуруҳ ба 21,5 сол баробар аст.

Таҳқиқоти эмпирикӣ дар якчанд марҳалаҳо гузуронида шуд: марҳалаи аввал (2018) ба интихоби методикаҳои мувофиқ ва ҷавобгӯи ғояи умумӣ ва фарзияи таҳқиқот бахшида шуда буд, дар марҳалаи дувум (2019-2020) қисми эмпирикии таҳқиқот гузаронида шуд, маълумоти эмпирикӣ коркард ва таҳлил карда шуданд, дар марҳалаи охирин (2020-2022) таҳлил ва тафсири маълумоти эмпирикӣ сурат гирифт.

Дар параграфи дувум (боби дувум) “Тавсифи психологӣ ва хусусиятҳои ҷинсии тасвири субъективии масири ҳаёти шахс дар синни ҷавонӣ” – таҳлили таҳқиқоти хусусиятҳои ТСМҲ дар синни ҷавонӣ ва натиҷаҳои алоқаманд бо тафовути ҷинсӣ дар гуруҳчини умумӣ оварда шудааст. Маълум гардид, ки дар синни ҷавонӣ идроки замони ҳозира нисбатан арзишнок ба шумор меравад. Замони ҳозира аз ҷониби онҳо нисбатан ғанӣ аз таассурот ва чун давраи нисбатан фаъоли ҳаёт дарк карда мешавад. Синни психологӣ, ТСМҲ-и ҷавонон, ба дараҷаи на он қадар назаррас (ҳудуди 1,5 сол) аз синни хронологӣ баландтар аст, аммо ҳисси калонсолӣ дар онҳо каме пасттар мебошад. Онҳо худро нисбатан дар амалия ҷоригардида ҳис мекунанд, давомнокии тахминии ҳаёт бошад дар онҳо ба 78 сол баробар аст. Дар синни ҷавонӣ ҳаёти худро пур аз рӯйдодҳои муҳим дарк кардан хос аст, ки дараҷаи баланди воридшавӣ ба рӯйдодҳои ҳаётиро тавсиф медиҳад. Натиҷаҳо дараҷаи баланди даркшавандагӣ ва назоратшавандагии ҳаётро барои озмудашудагон нишон доданд. Онҳо ҳадафманд, эмотсионалӣ, қаноатманд аз натиҷаҳо ва раванди ҳаёти хеш мебошанд. Инчунин, дар онҳо дараҷаи баланди эҳсоси маҳсулнокии ҳаёт, назоратнокӣ ва озодона қарор қабул кардан ба қайд гирифта шуд. Озмудашавандагон нисбат ба рӯйдодҳои дар ҳаёти онҳо, рӯйдодҳои дар соҳаи дастовардҳо, дар соҳаи саломатӣ, дар соҳаи нокомиҳо ва дар соҳаи муносибатҳои истеҳсолӣ бамаломада масъулиятшиносанд.

Тафовути ҷинсӣ дар он ифода меёбад, ки: занҳо бо идроки нисбатан мусбии замони гузашта ва оянда фарқ мекунанд. Дар занҳо инчунин синни психологии нисбатан паст, интизории нисбатан камтар доир ба давомнокии ҳаёт ва сатҳи пасттари ҳисси калонсолӣ ба назар мерасад. Аммо, дар соҳаи воридшавӣ ба рӯйдодҳои ҳаётӣ занҳо бар мардон афзалият доранд. Онҳо нисбатан ҳадафманд буда, бо нишондиҳандаҳои пасттари даркшавандагии

ҳаёт фарқ мекунанд, аз замони ҳозира камтар қаноатмандӣ ҳис мекунанд ва худро дар замони гузашта камтар дар амалия ҷоришуда меҳисобанд. Аммо, занҳо бо масъулиятшиносии бештар нисбати рӯйдодҳои дар тамоми ҳаёташон баамаломада фарқ мекунанд, яъне занҳо нисбат ба мардон бештар интерналӣ мебошанд. Мардон бо идроки нисбатан мусбии замони ҳозира фарқ мекунанд. Дар онҳо синни психологӣ нисбатан баландтар аст, онҳо худро бештар калонсол ҳис мекунанд ва дар онҳо давомнокии чашмдошти ҳаёт баландтар мебошад. Мардон аз рӯйдодҳои ҳаёти худ камтар қаноатманданд, ба онҳо худдорӣ дар зоҳир намудани эмотсияҳо хос аст ва онҳо бо эҳсоси нисбатан ифодаёфтаи даркшавандагӣ ва назоратшавандагии ҳаёт фарқ мекунанд. Мардон бештар аз замони ҳозира қаноатманданд ва дар замони гузашта худро бештар дар амалия ҷоригардида меҳисобанд. Инчунин, онҳо бештар аз занон худро хуҷаини ҳаёти хеш медонанд, вале ба рӯйдодҳои рӯзмарраи соҳаҳои гуногуни ҳаёт худро камтар масъул меҳисобанд. Мардон танҳо дар соҳаи нокомиҳо ва соҳаи муносибатҳои истеҳсолӣ масъулият зоҳир мекунанд.

Инчунин дар ин параграф таҳлили коррелятсионии тавсифдиҳандаҳои тасвири субъективии масири ҳаёт дар мардон ва занони гуруҳчини умумӣ оварда шудааст.

Таҳлили плеядаҳои коррелятсионии ТСМҲ ***дар мардон*** нишон медиҳад, ки омили асосӣ ва низомофар дар сохтори онҳо нишондиҳандаи “Самтёбиҳои маъноиҳаётӣ - умумӣ” ба шумор меравад. Плеядаи коррелятсионӣ аз 18 алоқаҳо иборат аст. Нишондиҳандаи алоқаҳои нисбатан бештардошта, нишондиҳандаи “МҲ – умумӣ” ба шумор меравад, ки 7 алоқаро дар бар мегирад (расми 1).




Расми 1. Алоқаҳои коррелятсионии нишондиҳандаҳои ТСМҲ-и мардон дар гуруҳчини умумӣ.

дар ин ҷо: ▬▬▬ $r > 0$, $r \leq 0{,}001$, ▬ ▬ ▬ $r < 0$, $r \leq 0{,}001$

——— $r > 0$, $r \leq 0{,}01$; -------- $r < 0$, $r \leq 0{,}05$.

Баҳодиҳии алоқаҳои мутақобила нишон медиҳад, ки дар мардон сохтори тасвири субъективии масири ҳаёт бо дараҷаи баланди даркшавандагии ҳаёт алоқаманд аст. Бо баланд гаштани дарафаи даркшавандагии ҳаёт дар мардон масъулиятнокӣ дар соҳаҳои мухталифи фаъолияти ҳаётӣ паст мегардад. Дар амалия ҷоришавӣ дар замони гузашта сатҳи назорати ҳаётӣ ва худназоратро дар мардон баланд мебардорад. Ҳар қадаре дар мардон синни психологӣ баландтар бошад ва ҳар андозае онҳо дар назди худ ҳадафҳо гузоранд, ҳамон андоза онҳо ба рӯйдодҳои хушҳолкунандаи ҳаёти худ ишора мекунанд.

Таҳлили алоқаҳои коррелятсионии тавсифдиҳандаҳои тасвири субъективии масири ҳаёт дар занони гурӯҳчини умумӣ нишон медиҳад, ки дар онҳо дар муқоиса бо мардон сохтори нисбатан интегратсияшудаи тасвири субъективии масири ҳаёт мавҷуд аст. Плеядаи коррелятсионии занон аз 25 алоқаҳо иборат аст, ки аз он 9 алоқа манфӣ ва 16 алоқа мусбат арзёбӣ мегардад (Расми 2).




Расми 2. Алоқаҳои коррелятсионии нишондиҳандаҳои ТСМҲ-и занон.
дар ин ҷо: ——— r > 0, r≤ 0,001, — — — r< 0, r≤ 0,001
——— r > 0, r≤ 0,01; -------- r< 0, r≤ 0,05.

Мавқеи марказиро дар сохтори ТСМҲ-и занон нишондиҳандаи даркшавандагии ҳаёт - «МҲ-умумӣ» ишғол менамояд. Тавсифдиҳандаҳои замонӣ бо сохтори умумии ТСМҲ-и занон алоқа надоранд, ба ҷуз алоқаи нишондиҳандаи “Синни психологӣ”. Миқдори нисбатан бештари алоқаҳоро метавон дар тавсифдиҳандаи назоратшавандагии ҳаёт мушоҳида намуд. Инчунин дар сохтори рӯйдодӣ афзалияти алоқаҳоро дар нишондодҳои миқдорӣ, вазнӣ, аҳамиятнокӣ ва рӯйдодҳои гузашта мушоҳида кардан мумкин аст. Ҳамин тавр, сохтори ТСМҲ-и занон бо даркшавандагӣ, ҳадафмандӣ ва назоратшавандагии бештари ҳаёт дар умум тавсиф дода мешавад.

Дар параграфи сеюм “Хусусиятҳои синнусолии тасвири субъективии масири ҳаёти шахс” – натиҷаҳои таҳқиқи хусусиятҳои ТСМҲ-и шахс дар синни навҷавонӣ ва ҷавонӣ муҳокима карда мешавад. Таҳлили муқоисавии

нишондиҳандаҳои дарки ҳаёт, ва хусусан идроки “Гузашта” ($p \leq 0,01$), «Оянда» ($p \leq 0,000$) ва «Ҳозира» ($p \leq 0,000$) дар асоси омили синнусол тафовути аҳамиятнокро ошкор намуд. Ба навҷавонон бештар ҳисси ғановати рӯйдодҳои ҳаёти гузашта ва худро иштирокчии фаъоли рӯйдодҳои дар гузашта ба амаломада эҳсос намудан хос аст, инчунин онҳо мавҷудияти нақшаҳо ва тасаввуроти дақиқро доир ба тобиши эмотсионалии мусбии оянда нишон медиҳанд. Ба ҷавонон бошад, дарки замони ҳозираи худ ҳамчун марҳалаи нисбатан пур аз таассурот ва нисбатан фаъол хос аст. Тафовути аз назари оморӣ боэътимод ҳамчунин аз рӯи нишондиҳандаи “Синни психологӣ” ($p \leq 0,000$), давомоти интизорравандаи ҳаёт ($p \leq 0,01$), коэффитсиенти калонсолӣ ($p \leq 0,05$) ошкор карда шуданд. Навҷавонон дар фарқият аз ҷавонон дар умум миқдори бештари рӯйдодҳоро номбар мекунанд ($p \leq 0,000$). Тафовут бо дараҷа баланди омориро инчунин метавон аз рӯи нишондиҳандаҳои миқдори рӯйдодҳо дар гузашта ($p \leq 0,01$) ва оянда ($p \leq 0,000$), рӯйдодҳои ғамгинкунанда ($p \leq 0,000$) ва хушҳолкунанда ($p \leq 0,000$) мушоҳида намуд. Таҳлили муқоисавии нишондиҳандаҳои муносибат ба замон ва рӯйдодҳои ҳаёт дар ҷавонон ва навҷавонон аз рӯи нишондиҳандаҳои “Рӯйдодҳои аҳамиятнок”, “Рӯйдодҳои камаҳамият” ва “Рӯйдодҳои миёнааҳамият” тафовути боэътимоди омориро ошкор накард, дар ҳоле ки аз рӯи нишондиҳандаҳои “Ретроспексияи рӯйдодҳои хушҳолкунанда” ($p \leq 0,000$), «Ретроспексияи рӯйдодҳои ғамгинкунанда» ($p \leq 0,012$) ва «Ретроспексияи рӯйдодҳо дар умум» ($p \leq 0,000$) тафовути аҳамиятнок мушоҳида карда шуд. Инчунин, тафовути аз назари оморӣ аҳамиятнок дар нишондиҳандаи интерналнокии умумӣ дар дараҷаи аҳамиятнокии ($p \leq 0,01$) ошкор гардид. Таҳлили муқоисавии нишондиҳандаҳои дараҷаи назорати субъективӣ ва хусусан интерналнокӣ дар соҳаи нокомӣ ва соҳаи муносибатҳои истеҳсолӣ дар ҳаёт аз рӯи омили синнусолӣ ба фоидаи ҷавонон тафовути дорои дараҷаи баланди аҳамиятнокии омориро нишон доданд. Ҳамин тавр, навҷавонон аз намояндагони синни ҷавонӣ бо нисбатан мусбат будани идроки гузашта ва оянда фарқ мекунанд. Онҳо синни психологии нисбатан поёнтар ва интизории нисбатан камтари давомнокии ҳаёт доранд. Намояндагони навҷавонон бештар ба рӯйдодҳои ҳаёти хеш равона шудаанд ва онҳоро нисбат ба намояндагони синни ҷавонӣ баландтар баҳогузорӣ менамоянд. Онҳо бештар экстерналӣ буда, аз болои рӯйдодҳои аҳамиятноки дар ҳаёти онҳо бавуҷудоянда назорати субъективии камтар зоҳир менамоянд. Ҷавонон аз навҷавонон бо қаноатмандии бештар аз замони ҳозира фарқ мекунанд. Онҳо синни психологии худро нисбатан баландтар арзёбӣ мекунанд ва ба давомнокии бештари ҳаёти худ умед мекунанд, ба ғановати камтари рӯйдодҳои ҳаёти худ ишора мекунанд ва аз раванду натиҷаи ҳаёти худ камтар қаноатмандӣ изҳор менамоянд, бо даркшавандагӣ ва назоратшавандагии бештари ҳаёт дар умум фарқ мекунанд. Яъне, дар ҷавонон дараҷаи баланди назорати субъективӣ аз рӯи рӯйдодҳои ҳаётӣ дар умум мавҷуд аст, онҳо дар муқоиса бо навҷавонон бештар интерналӣ мебошанд.

Дар параграфи чаҳорум “Хусусиятҳои ҷинсию синусолии тасвири субъективии масири ҳаёти шахс” муҳокима мешавад. Хусусиятҳои

синнусолии тасвири субъективии масири ҳаётро дар буриши ҷинсӣ таҳқиқ карда истода, хусусан дар озмудашавандагони навҷавон аз ҷониби мо як қатор тафовутҳои дорои дараҷаи баланди аҳамияти оморӣ ошкор карда шуд:

Натиҷаҳои таҳқиқоти баргузоршуда нишон медиҳанд, ки духтарони навҷавон дар фарқият аз навҷавонписарон замони ҳаёти худро арзиши бештар қоиланд (р≤0,000). Дар муқоиса бо гузашта ва ҳозира, оянда барои занҳо давраи нисбатан аҳамиятноки ҳаёт ба шумор меравад. Духтарон назар ба намояндагони ҷинси муқобил аз назари психологӣ худро ҷавонтар ҳис мекунанд. Инчунин онҳо аз писарон дида сатҳи пасттари ҳисси калонсолиро эҳсос мекунанд, ки инро метавон бо натиҷаҳои камтари дастовардҳои аҳамиятнок дар гузашта шарҳ дод. Ҳаёти духтарони навҷавон бо рӯйдодҳои ҳаётӣ бештар ғанӣ аст (бештар ба рӯйдодҳои оянда (р≤0,03) ва хушҳолкунанда (р≤0,05) ишора мекунанд). Онҳо ба рӯйдодҳои ҳаётӣ бошавқ муносибат мекунанд ва онҳоро, хусусан рӯйдодҳои гузаштаро баҳои баланд медиҳанд (р≤0,000). Ба духтарони навҷавон дараҷаи баландтарини масъулиятнокӣ нисбати рӯйдодҳои ҳаёти онҳо хос аст. Онҳо ҳадафманданд (р≤0,03), дар вазъиятҳои мухталифи ҳаётӣ масъулиятнокӣ зоҳир мекунанд (р≤0,000) ва дар соҳаи муносибатҳои оилавӣ  (р≤0,05) ва муносибатҳои байнишахсӣ бештар интерналӣ мебошанд (р≤0,04).

Навҷавонписарон дар муқоиса бо духтарони навҷавон аз назари психологӣ худро аз синни хронологияшон дида, калонсолтар мепиндоранд (р≤0,000). Инчунин онҳо худро аз навҷавондухтарон дида, нисбатан калонсолтар эҳсос мекунанд. Ин доир ба дараҷаи баландтари амалигардии писарони навҷавон дар гузашта гувоҳӣ медиҳад. Рӯйдодҳои ҳаётӣ барои онҳо аҳамияти камтар дорад ва танҳо дар муносибат ба рӯйдодҳои оянда аҳамияти махсус зоҳир менамоянд (р≤0,05), хусусан ба рӯйдодҳои хушҳолкунанда (р≤0,04). Дар навҷавонписарон даркшавандагии ҳаёт дараҷаи баланд дорад, ки дар ҳадафмандии онҳо ва қобилияти назорати ҳаёт зоҳир мешавад. Замони оянда барои онҳо нисбатан камтар аҳамиятнок аст (р≤0,000). Онҳо ояндаро ҳамчун замони ғанӣ ва пур аз таассуроти хушҳолкунанда намеҳисобанд. Навҷавонписарон дар муқоиса бо духтарони ин синнусол камтар интерналӣ мебошанд. Онҳо рӯйдодҳои ҳаётиро бо вазъиятҳои беруна алоқаманд медоданд.

Занони ҷавон  бештар ба рӯйдодҳои ҳаёташон таваҷҷуҳ доранд ва ба онҳо равона гаштаанд. Онҳо ҳаёти сипаришудаи худро пур аз рӯйдодҳо медонанд (р≤0,01). Барои онҳо бештар аз ҳама рӯйдодҳои дорои характери хушҳолкунанда ва рӯйдодҳои дар ҳаёти гузаштаи онҳо ба вуҷудомада аҳамиятноканд (р≤0,01). Онҳо аз назари психологӣ худро ҷавонттар меҳисобанд ва ҳисси калонсолӣ низ дар онҳо пасттар аст. Ҷавонзанҳо худро аз натиҷаҳои марҳалаи сипаришудаи ҳаёти худ камтар қаноатманд ҳис мекунанд. Онҳо ба он боварӣ доранд, ки ҳаёташон барои худи онҳо назоратшаванда нест. Амали худро омили муҳими ташкили фаъолияти истеҳсолии худ инчунин дастовардҳои худ шумурдан ба онҳо камтар хос аст. Онҳо нисбат ба рӯйдодҳои

дар ҳаёти оилавии онҳо баамалоянда бештар масъулият ҳис мекунанд (p≤0,000).

Ҷавонмардон дар муқоиса бо ҷавонзанон камтар ба рӯйдодҳои ҳаёти хеш таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд (p≤0,000). Инчунин онҳо худро аз назари психологӣ аз синни хронологиашон дида, калонсолтар эҳсос мекунанд ва коэффитсиенти калонсолӣ дар онҳо баландтар аст. Онҳо аз таҷрибаи гузаштаи ҳаётӣ бештар қаноатманд мебошанд. Ба мардони ҷавон назорати шахсӣ аз болои рафтори худ (p≤0,05) ва назорат аз болои вазъиятҳои ҳаётӣ дар умум (p≤0,000) хос аст. Ҷавонмардон дар соҳаи дастовардҳо, соҳаи солимӣ ва соҳаи нокомиҳо интерналӣ мебошанд. Аммо дар соҳаи муносибатҳои оилавӣ онҳо натиҷаҳои экстерналӣ нишон медиҳанд. Яъне, дар муқоиса бо занон, мардон масъулият аз болои дастовардҳои ҳаётӣ (p≤0,000), ба рӯйдодҳои манфӣ ва вазъиятҳои ҳаётӣ (p≤0,000) зоҳир мекунанд, вале дар соҳаи рӯйдодҳои дар ҳаёти оилавии онҳо баамалоянда худро гунаҳкор намешуморанд.

Дар параграфи охирини боби дувум "Таҳлили алоқаҳои коррелятсионии хусусиятҳои синнусолӣ ва ҷинсии тасвири субъективии масири ҳаёти шахс дар синни ҷавонӣ" натиҷаҳои аз таҳлили коррелятсионӣ бадастовардашуда муҳокима карда шудаанд.

Мувофиқи маълумоти бадастовардашуда, плеядаи коррелятсионии озмудашавандагон навҷавон 28 алоқаҳоро дар бар мегирад (2 алоқа бештар аз плеядаҳои намояндагони ҷавон). Таҳлили сохтори ТСМҲ дар намояндагони навҷавонон нишон медиҳад, ки нишондиҳандаи асосӣ дар сохтори онҳо нишондиҳандаи "Амалигардии субъективӣ" ва "Давомнокии интизорравандаи ҳаёт" мебошанд. Инчунин дар нишондиҳандаҳои «МҲ-умумӣ», «Интерналнокӣ дар соҳаи муносибатҳои байнишахсӣ» ва «Ретроспексияи рӯйдодҳои ғамгинкунанда» метавон алоқаҳоро мушоҳида намуд, аммо онҳо хело камтар буда, мутаносибан 5 ва 3 алоқаҳои мусбат ва манфиро дар бар мегиранд (расми 3).




Расми 3. Сохтори ТСМҲ дар озмудашавандагони навҷавон.
дар ин ҷо: ▬▬▬ r > 0, r≤ 0,001, ▬ ▬ ▬ r< 0, r≤ 0,001
——— r > 0, r≤ 0,01; -------- r< 0, r≤ 0,05.

Эҳсоси амалишавии шахсӣ дар озмудашавандагони навҷавон асосан бо ғановат ва аҳамиятнокии рӯйдодҳои ҳаётӣ алоқаманд аст. Дар умум, сохтори ТСМҲ дар навҷавонон бо давомнокии бештари ҳаёт, пуррагии рӯйдодҳои ҳаётӣ ва масъулияти бештар дар соҳаи нокомиҳои ҳаётӣ, муносибатҳои байнишахсӣ ва дар рӯйдодҳои муҳими ҳаётӣ тавсиф меёбад.

*Плеядаи коррелятсионии ТСМҲ дар ҷавонон* аз 26 алоқаҳои дар дараҷаи аҳамиятнок ва аҳамиятнокии баланд қарордошта иборат аст. Таҳлили коррелятсионии плеяда нишон медиҳад, ки алоқаҳои нисбатан бештарро дар нишондиҳандаҳои "Раванд" ва «МҲ-умумӣ» мушоҳида кардан мумкин аст, ки ҳар кадоме 5 алоқаро дар бар мегиранд (расми 4).




Расми 4. Сохтори ТСМҲ дар озмудашавандагони ҷавон,
дар ин ҷо: ▬▬▬ r > 0, r≤ 0,001, ▬ ▬ ▬ r< 0, r≤ 0,001
——— r > 0, r≤ 0,01; -------- r< 0, r≤ 0,05.

Инчунин метавон алоқаҳоро дар нишондиҳандаҳои "Локус-назорати ҳаёт", "Вазни рӯйдодҳои оянда", "Миқдори рӯйдодҳои оянда", ""Интерналнокӣ дар соҳаи солимӣ", "Интерналнокӣ дар соҳаи муносибатҳои байнишахсӣ" ва "Натиҷа" бо ҳаҷми 4 алоқа мушоҳида намуд Сохтори ТСМҲ-и ҷавонон бо тавсиф меёбад

*Таҳлили коррелятсионии ТСМҲ-и мардон дар синни навҷавонӣ*. Плеядаи коррелятсионии тасвири субъективии масири ҳаёти навҷавонони ҷинси мард аз 23 алоқаҳо дар дараҷаҳои p≤0,01 ва p=0,05 иборат аст, ки аз онҳо 17 алоқаи мусбат ва 6 алоқаи манфӣ мебошанд (Расми 5).

*Таҳлили коррелятсионии ТСМҲ-и духтарон дар синни навҷавонӣ*. Плеядаи коррелятсионӣ дар духтарони навҷавон 25 алоқаро дар дараҷаи аз назари оморӣ аҳамиятнок ва аҳамиятнокии баланд дар бар мегирад (Расми 6). Омили асосӣ ва низомофар дар сохтори онҳо нишондиҳандаи "Миқдори рӯйдодҳои хушҳолкунанда", инчунин нишондиҳандаи даркшавандагии ҳаёт - «МҲ-умумӣ» ба шумор меравад




Расми 5. Алоқаҳои коррелятсионии нишондиҳандаҳои ТСМҲ-и навҷавонписарон
дар ин ҷо: ▬▬▬ $r > 0$, $r \leq 0,001$, ▬ ▬ ▬ $r < 0$, $r \leq 0,001$
——— $r > 0$, $r \leq 0,01$; -------- $r < 0$, $r \leq 0,05$.

*Таҳлили коррелятсионии ТСМҲ-и мардон дар синни ҷавонӣ*. Сохтори плеядаи ТСМҲ-и ҷавонмардон аз 18 хати алоқа дар дараҷаи $p \leq 0,05$ иборат аст (Расми 5). Нишондиҳандаҳои дорои миқдори нисбатан бештари алоқаҳо “Интерналнокӣ дар соҳаи муносибатҳои истеҳсолӣ”, “Интерналнокӣ дар соҳаи солимӣ” ва нишондиҳандаи “Раванд” ба шумор меравaнд. Таҳлил нишон медиҳад, ки интерналнокӣ дар соҳаи муноситабҳои истеҳсолӣ бо нишондиҳандаи антитсипатсияи рӯйдодҳои хушҳолкунанда ва антитсипатсияи рӯйдодҳо дар умум коррелятсияи мусбат дорад, инчунин метавон алоқаи манфии онро бо нишондиҳандаҳои ҳадафи ҳаёт ва раванд мушоҳида намуд (Расми 7).




Расми 6. Алоқаҳои коррелятсионии нишондиҳандаҳои ТСМҲ-и духтарон дар синни навҷавонӣ
дар ин ҷо: ▬▬▬ $r > 0$, $r \leq 0,001$, ▬ ▬ ▬ $r < 0$, $r \leq 0,001$
——— $r > 0$, $r \leq 0,01$; -------- $r < 0$, $r \leq 0,05$.




Рисунок 7. Алоқаҳои коррелятсионии нишондиҳандаҳои ТСМҲ-и мардон дар синни ҷавонӣ,

дар ин ҷо: ━━━ $r > 0$, $r \leq 0{,}001$, — — — $r < 0$, $r \leq 0{,}001$

─── $r > 0$, $r \leq 0{,}01$; -------- $r < 0$, $r \leq 0{,}05$.

*Таҳлили коррелятсионии ТСМҲ-и занон дар синни ҷавонӣ.* Таҳлили сохтори ТСМҲ-и занони ҷавон плеядаи иборат аз 16 алоқа дар дараҷаи $p \leq 0{,}000$ ва $p \leq 0{,}05$ – ро нишон медиҳад. Миқдори нисбатан бештари алоқаҳоро метавон дар нишондиҳандаи дараҷаи назорати субъективӣ “Интерналнокӣ дар соҳаи нокомиҳо” ва “Интерналнокӣ дар соҳаи муносибатҳои истеҳсолӣ” ошкор намуд (Расми 8).




Расми 8. Алоқаҳои коррелятсионии нишондиҳандаҳои ТСМҲ-и занон дар синни ҷавонӣ

дар ин ҷо: ━━━ $r > 0$, $r \leq 0{,}001$, — — — $r < 0$, $r \leq 0{,}001$

─── $r > 0$, $r \leq 0{,}01$; -------- $r < 0$, $r \leq 0{,}05$.

Натиҷаҳои дар асоси таҳлили коррелятсионии ТСМҲ-и ҷавондухтарон бадастовардашуда аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки ба онҳо плеядаи назар ба ҷавонмардон нисбатан интегралӣ бо миқдори зиёди алоқаҳо дар дараҷаи $p \leq 0{,}000$ ва $p \leq 0{,}05$ хос аст. Нишондиҳандае, ки дорои бештари алоқаҳоро дар

сохтори ТСМҲ-и занони ҷавон пайваст мекунад “Интерналнокӣ дар соҳаи нокомиҳо” мебошад. Онҳо ҳангоми дучор шудан ба нокомиҳо дар зиндагӣ вобаста ба воридшавии бештар ба рӯйдодҳои ҳаётӣ (аз рӯи миқдор, аҳамиятнокӣ ва ретроспективӣ) масъулият зоҳир менамоянд.

## Хулоса

Раҳёфти назариявӣ ба фаҳмиши табиати ТСМҲ имкон дод, ошкор карда шавад, ки он инъикоси психикии шахсият, нисбат ба масири ҳаёт аст, ки дар он тасаввуроти одам доир ба рӯйдодҳои воқеии замонии ҳаётӣ (гузашта, ҳозира, оянда), ҳолатҳои эмотсионалӣ ва самтёбиҳои маъноиҳаётӣ нақш бастаанд. Дар раванди омӯзиши ин мафҳум унсурҳои таркибюии сохтори он: параметрҳои рӯйдодӣ, замонӣ ва шахсиятии он ошкор карда шуданд. Инчунин сабабиятҳои ташаккулёбии ТСМҲ-и шахс муайян карда шуданд, ки ба онҳо равандҳои маърифатӣ, бухронҳои шахсиятӣ ва синнусолӣ, масъулият, ташаббускорӣ ва масъулият, тарбия ва таълим, стереотипҳои иҷтимоӣ, ҳамкориҳои иҷтимоӣ ва ҳувийяти этнофарҳангӣ дохил мешаванд. Хусусан заминаҳои ҷинсӣ ва синнуслолии ТСМҲ-и шахс мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шуд.

Сохтори тасвири субъективии масири ҳаёт аз хусусиятҳои ҷинсӣ ва синнусолӣ замина мегирад. Дар алоқамандӣ бо ин дар қисми таҳқиқотӣ аз ҷониби мо тафовути синнусолӣ ва ҷинсии хусусиятҳои ТСМҲ-и ҷавонон тмавриди таҳлил қарор дода шуд. Гуруҳи таҳқиқотии мо аз намояндагони синни 18 то 25 сола иборат аст, ки мо онҳоро ба ду зергуруҳи синнусолӣ – навҷавонон ва ҷавонон тақсим намудем. Таҳлили тафовутҳои ҷинсӣ барои гуруҳчини умумӣ, тафовут дар байни синни навҷавонӣ ва ҷавонӣ, инчунин тафовути ҷисӣ дар озмудашавандагони навҷавон ва ҷавон гузаронида шуд. Тафовутҳо дар чунин тавсифдиҳандаҳои ТСМҲ ба мисли нишондиҳандаҳои замонӣ ва рӯйдодӣ, назоратшавандагӣ ва даркшавандагии ҳаёт ошкор карда шуданд.

Таҳқиқоти аз ҷониби мо гузаронидашудаи хусусиятҳои ҷинсию синнусолии тасвири субъективии масири ҳаёт, хусусан дар синни ҷавонӣ имкон дод, ки тавсифдиҳандаҳои махсуси синнусолии ТСМҲ –ро омӯзем ва ошкор намоем. Таҳлили назариявӣ нишон дод, ки тасвири субъективии масири ҳаёт – ин образи психикии масири ҳаёти шахс аст, ки дар он гузашта, ҳозира ва оянда инъикос ёфтаанд. Тасвири субъективии масири ҳаёт табиати динамикӣ дорад ва бо марҳалаҳои ҳаётӣ, тафовутҳои ҷинсӣ алоқаманд аст, аз муҳити иҳотакарда ва муташаккилии худи шахсият вобаст аст. Ҳадафи таҳқиқоти мо омӯзиш ва ошкорнамоии хусусиятҳои синнусолӣ ва ҷинсии тасвири субъективии масири ҳаёт дар мисоли ҷавонон мебошад. Пешниҳод карда шуд, ки тасвири субъективии масири ҳаёт дар вобастагӣ аз омилҳои ҷинсият ва синнусол, ҳатто бо тафовути ҳадди ақали синнусолӣ тафовут пайдо мекунад. Натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқоти эмпирикӣ, ки фарзияи гузошташударо тасдиқ менамоянд, ба мо имкон медиҳанд, то дар бораи он

гӯем, ки хусусиятҳои мувофиқи синнусолӣ ва ҷинсии зоҳиршавии ТСМҲ вуҷуд доранд.

Муайян карда шуд, ки дар он хусусиятҳои ТСМҲ, ки дар параметрҳои замонӣ, рӯйдодӣ, дар даркшавандагӣ ва назоратшавандагии ҳаёт ифода ёфтаанд, тафовут вуҷуд дорад. Муайян шуд, ки:

- барои намояндагони навҷавонон замони гузашта ва ояндаи ҳаёти онҳо нисбатан аҳамиятноктар аст, барои ҷавонон бошад замони ҳозира. Ҷавонон худро калонсолтар ҳис мекунанд ва давомнокии интизорравандаи ҳаёт дар онҳо болотар аст. Онҳо нисбатан ҳадафмандтар, аз замони ҳозира қаноатмандтар ва дар гузашта камтар амалишуда мебошанд.Бо даркшавандагии ҳаёт дар умум фарқ мекунанд. Навҷавонон ба рӯйдодҳои ҳаёти хеш бештар таваҷҷуҳ доранд, ҳаёти худро пур аз рӯйдодҳо мебинанд, аз раванди ҳозираи ҳаёташон қаноатмандтаранд ва дар гузашта худро аз ҷавонон дида, бештар амалишуда ҳис мекунанд. Ба навҷавонон масъулияти камтар дар вазъиятҳои мухталифи ҳаётӣ хос аст. Онҳо бештар экстерналӣ буда, дараҷаи назорати субъективӣ аз болои вазъиятҳои ҳаётан муҳим пасттар аст, аммо дар айни ҳол дараҷаи назорати субъективии рафтори худ баланд мебошад. Ба намояндагони ҷавонон масъулиятнокии бештар дар вазъиятҳои мухталифи ҳаётӣ хос мебошад. Онҳо дар соҳаҳои нокомиҳо, дастовардҳо, муносибатҳои истеҳсолӣ ва байнишахсӣ бештар масъулият ҳис мекунанд;

- духтарони навҷавон бештар ба замони ояндаи ҳаёти худ таваҷҷуҳ доранд, аз назари психологӣ худро ҷавонтар ҳис мекунанд. Рӯйдодҳои ҳаётӣ барои духтарон аҳамиятноканд, хусусан рӯйдодҳои хушҳолкунанда ва рӯйдодҳои ояндаи ҳаёти онҳо. Навҷавонписарон аз назари психологӣ худро калонсолтар ҳис мекунанд ва дараҷаи даркшавандагии ҳаёт дар онҳо баландтар аст. Дар духтарони навҷавон дараҷаи назорати субъективӣ аз болои рӯйдодҳои рӯзмарра дар соҳаҳои мухталифи ҳаёт нисбатан баландтар аст. Онҳо боварӣ доранд, ки назоратшавандагии рафтор дар ҳаёт дар ихтиёри онҳост. Дар ҳоле ки мардони ҷавон ба худназорати рафтор камтар боварӣ доранд;

- духтарони ҷавон бештар ҳаёти худро пур аз рӯйдодҳо медонанд. Онҳо замони гузаштаи ҳаёти худро бештар қадр мекунанд ва аз рӯйдодҳои гузаштаи ҳаёти худ ва рӯйдодҳои дорои характери хушҳолкунанда бештар мутаассиранд. Нисбат ба ҷавонмардон аз назари психологӣ худро ҷавонтар ҳис мекунанд. Мувофиқан, мардони ҷавон аз назари психологӣ худро калонсолтар ҳис мекунанд, инчунин ба онҳо эҳсоси калонсолтар будан аз синни худ хос аст. Онҳо аз қисми сипарикардаи ҳаёти хеш қаноатманданд. Дар мардони ҷавон дараҷаи баланди назорати шахсиро аз болои рафтор ва назорат аз болои вазъиятҳои ҳаётӣ дар умумро соҳибанд. Мардон дар синни ҷавонӣ бештар экстерналӣ мебошанд. Онҳо дар дастовард ва нокомиҳои ҳаётӣ, инчунин дар соҳаи солимӣ бештар масъулият ҳис мекунанд. Заноні ҷавон бар муқоиса бо намояндагони ҷинси муқобил камтар масъулият бар

душ мегиранд, вале масъулият дар соҳаи муносибатҳои оилавӣ дар онҳо баландтар аст;

- хусусияти гендерии тасаввурот дар бораи тасвири субъективии масири ҳаёт дар синни ҷавонӣ дар афзалият доштани замони гузашта ва оянда дар занон зоҳир мешавад. Дар онҳо синни психологӣ аз синни хронологӣ пасттар ва давомнокии интизорравандаи ҳаёт камтар аст. Аммо онҳо рӯйдодҳои ҳаётиро бештар қадр мекунанд, ҳадафҳо барои оянда дар онҳо равшантар зоҳир шудааст. Мардони ҷавон дар набати худ бо таассуроти нисбатан мусбати замони ҳозира фарқ мекунанд. Дар онҳо синни психологӣ баландтар буда, худро калонсолтар меҳисобанд ва давомнокии интизорравандаи ҳаёт низ бештар аст. Инчунин онҳо аз духтарон бо эҳсоси нисбатан ифодаёфтаи даркшавандагии ҳаёт фарқ мекунанд. Ба духтарон дараҷаи нисбатан баландтари масъулият ба рӯйдодҳо дар ҳаёт бавуҷудоянда дар умум хос аст ва онҳо қобиланд, ки рафтори худро дар вазъиятҳои мухталифи ҳаётӣ назорат намоянд. Дар онҳо дараҷаи баланди назорати субъективӣ аз болои рӯйдодҳо дар оила, дар соҳаи солимӣ ва рӯйдодҳо дар соҳаи дастовардҳо ба қайд гирифта шуд. Ба мардони ин синнусол назорати ҳаёти худ, озодона тасмим гирифтан ва онро дар ҳаёт амалӣ намудан хос аст. Онҳо дар соҳаи нокомиҳо ва соҳаи муносибатҳои истеҳсолӣ масъулиятноктар мебошанд.

Дар асоси натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастовардшуда метавон бо боварӣ дар бораи тасдиқ гардидани фарзияи гузоштаи мо доир ба хусусиятҳои ҷинсиву синнусолии ТСМҲ қайд намуд, ки дар вобастагӣ аз омилҳои ҷинсият ва синнусол, ҳатто бо фарқияти ҳадди ақали синнусолии одамон ТСМҲ тафовут пайдо мекунад.

**Тавсияҳо доир ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

Натиҷаҳои бадаст овардаи мо имконият фароҳам меоваранд, ки хусусиятҳои синнусолӣ ва ҷинсии дарки масири ҳаёт, муносибат ба давраҳои замонии ҳаёт ва дарки он, арзишҳо, самтёбиҳо ва мақсадгузориҳои ҳаётии насли ҷавони кишвари мо амиқтар фаҳмида шаванд. Ин натиҷаҳо имконият медиҳанд, ки шахсият, менталитет ва психологияи ҷавонони замони муосир беҳтар фаҳмида шавад. Ба назар гирифтани ин маълумот метавонад зимни корбарӣ бо ҷавонон ҳангоми роҳандозии ҳамкориҳо бо онҳо дар доираи кори иҷтимоӣ, рушди ҷомеа, муҳити фарҳангӣ ва мувофиқан нерӯи наву ҷавон, таъсирбахш, мувофиқ ва мутаносиби рушдиояндаи кишвар дар умум кумак расонад.

**Руйхати маводи аз рӯи мавзӯи диссертатсия нашркардаи муаллиф**

[1-А]. Шарипова М.Ё., Шахнозаи С.Т. Возрастные особенности субъективной картины жизненного пути личности. [Текст] / М.Ё. Шарипова, С.Т. Шахнозаи // Вестник Таджикского национального университета. -2016. - №3/5. С. 273-279. ISSN 2074-1847 (дар ҳаммуаллифӣ)

[2-А]. Шахнозаи С.Т. Общее понятие о субъективной картине жизненного пути личности // Вестник Таджикского национального университета. -2017. -№3/5. -С.216-219. ISSN 2074-1847.

[3-А]. Шахнозаи С.Т. Событийная структура субъективной картины жизненного пути личности. [Текст] / С.Т. Шахнозаи // Вестник Таджикского национального университета. -2019. -№1 С.184-187. ISSN 2074-1847.

[4-А]. Шахнозаи С.Т. Возрастные и личностные кризисы как факторы формирования субъективной картины жизненного пути личности. [Текст] / С.Т. Шахнозаи // Вестник Таджикского национального университета. -2019. -№2. С.184-188. ISSN 2074-1847.

[5-А]. Шахнозаи С.Т. Воспитание и обучение как ведущие факторы формирования субъективной картины жизненного пути личности. [Текст] / С.Т. Шахнозаи // Инновация в образовании: материалы Международной научно-практической конференции (Г. Томск, 29 октября 2020 года). – Томск: Издательство Томского государственного педагогического университета, 2021. С. 119-123. – 392с.

[6-А]. Шахнозаи С.Т., Ахмедзода Т.А. Изучение особенностей личности как факторов формирующих жизненный путь. [Текст] / С.Т. Шахнозаи, Т.А. Ахмедзода // Вестник педагогического университета. Издание Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни (Серия 2. Педагогика и психология, методика преподавания гуманитарных и естественных дисциплин). -2022. - №230/ЖР-97.

## Руйхати ихтисораҳо

ТСМҲ – тасвири субъективии масири ҳаёт
СП – синни психологӣ
АС – амалигардии субъективӣ
КК – коэффитсиенти калонсолӣ
ДИҲ – давомнокии интизорравандаи ҳаёт
Гузашта – идроки замони гузашта
Ҳозира – идроки замони ҳозира
Оянда – идроки замони оянда
Ҳ – ҳадафҳо
Р – раванд
Н – натиҷа
ЛК-М – локус назорати МАН
ЛК-Ҳ – локус назорати ҳаёт
МҲ-умумӣ – нишондиҳандаи умумии мулоҳизашавандагии ҳаёт
Иу – Интерналнокии умумӣ
$И_{д}$ – Интерналнокӣ дар соҳаи дастовардҳо
$И_{н}$ – Интерналнокӣ дар соҳаи нокомиҳо
$И_{о}$ – Интерналнокӣ дар муносибатҳои оилавӣ
$И_{и}$ – Интерналнокӣ дар соҳаи муносибатҳои истеҳсолӣ
$И_{б}$ – Интерналнокӣ дар соҳаи муносибатҳои байнишахсӣ

$И_с$ – Интерналнокӣ дар муносибат ба солимӣ ва беморӣ
МУР – миқдори умумии рӯйдодҳо
МРГ – миқдори рӯйдодҳо дар гузашта
МРО – миқдори рӯйдодҳо дар оянда
МРХ – миқдори рӯйдодҳои хушҳолкунанда
МРҒ – миқдори рӯйдодҳои ғамгинкунанда
ВР – вазни рӯйдодҳо
ВРГ – вазни рӯйдодҳои гузашта
ВРО – вазни рӯйдодҳои оянда
ВРХ – вазни рӯйдодҳои хушҳолкунанда
ТРҒ – вазни рӯйдодҳои ғамгинкунанда
РА – миқдори рӯйдодҳои аҳамиятнок
МРМ – миқдори рӯйдодҳои миёнааҳамият
МРК – миқдори рӯйдодҳои камаҳамият
РРХ – ретроспексияи рӯйдодҳои хушҳолкунанда
РРҒ – ретроспексияи рӯйдодҳои ғамгинкунанда
РУ – ретроспексияи рӯйдодҳо дар умум
АРХ – антитсипатсияи рӯйдодҳои хушҳолкунанда
АРҒ – антитсипатсияи рӯйдодҳои ғамгинкунанда
АУ – антитсипатсияи рӯйдодҳо дар умум.

***Ишораҳои шартӣ дар дараҷаҳои аҳамиятнокии тафовутҳо:***
* - нишондиҳандаи аҳамиятнокии оморӣ дар дараҷаи $p \leq 0,05$;
** - нишондиҳандаи аҳамиятнокӣ дар дараҷаи $p \leq 0,01$ ва $p \leq 0,001$.

***Ишораҳои шартӣ дар плеядаҳои коррелятсионӣ:***
━━━━ ишораи алоқаи мусбат дар дараҷаи $p \leq 0,01$;
———— ишораи алоқаи мусбат дар дараҷаи $p \leq 0,05$;
━ ━ ━ ишораи алоқаи манфӣ дар дараҷаи $p \leq 0,01$;
---------- ишораи алоқаи манфӣ дар дараҷаи $p \leq 0,05$.

**АННОТАЦИЯ**

**на автореферат диссертации Шахнозаи Саъди Табари на тему: «Гендерно-возрастные особенности субъективной картины жизненного пути личности (на примере таджикской молодежи)» на соискание ученой степени доктора философии (PhD), по специальности 6D050301- Общая психология, психология личности, история психологии**

**Ключевые слова:** субъективная картина жизненного пути (СКЖП), личность, гендерные особенности, гендерно-возрастная обусловленность, осмысленность, восприятие времени, события, вес и значимость событий, контролируемость, личностный контроль, реализованость, целеустремлённесть, психологический возраст, ожидаемая продолжительность жизни, интернальность, экстернальность, коэффициент взрослости.

Диссертационная работа посвящена гендерно-возрастным особенностям формирования СКЖП личности в молодом возрасте (18-25 лет). Настоящее диссертационное исследование охватывает теоретико-методологический обзор по изучению особенностей формирования СКЖП личности и ее составляющих (событийных, временных и личностных) и факторов (гендер, возраст и культура). Объектом исследования является СКЖП личности. Предметом исследования составляют возрастные и гендерные особенности СКЖП личности в молодом возрасте. Цель диссертационного исследования заключается в изучение и выявление возрастных и гендерных особенностей СКЖП личности на примере таджикской молодежи. Для реализации цели были поставлены такие задачи как – определение выборки и методов исследования, выявления гендерно-возрастных особенностей СКЖП личности в молодом возрасте, осуществление корреляционного анализа между показателями СКЖП в гендерном и в возрастном аспектах.

В первой главе диссертационной работы обсуждается теоретический анализ природы и сущности субъективной картины жизненного пути личности, рассматриваются структурные компоненты и детерминанты формирования СКЖП личности, в частности анализируется гендерно-возрастная обусловленность СКЖП в молодом возрасте. Во второй главе приводится описание выбора исследовательских методик, этапы проведения эмпирического исследования и представлена характеристика выборки исследования. Интерпретируются полученные корреляционные связи и сравнительные анализы возрастных и гендерных особенностей СКЖП личности в молодом возрасте. В заключительной части диссертации приведены выводы и обобщения по полученным результатам о гендерно-возрастных особенностях СКЖП.

В рамках проведенного диссертационного исследования выявлены гендерные различия СКЖП у юных и молодых студентов и доказаны возрастная и гендерная обусловленность формирования СКЖП на примере таджикской молодежи. Также, представлены рекомендации по их практическому применению.

## АННОТАТСИЯ

**ба автореферати диссертатсияи Шаҳнозаи Саъдӣ Табарӣ дар мавзӯи: «хусусиятҳои ҷинсӣ ва синнусолии тасвири субъективии масири ҳаёти шахс (дар мисоли ҷавонони тоҷик)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯи тахассуси 19.00.01 – Психологияи умумӣ, психологияи шахс, таърихи психология.**

**Калидвожаҳо:** тасвири субъективии масири ҳаёт, шахсият, хусусиятҳои ҷинсӣ, омилҳои ҷинсию синнусолӣ, даркшавандагӣ, дарки замонӣ, рӯйдодҳо, вазн ва аҳамияти рӯйдодҳо, назоратшавандаги, назорати шахсӣ, амалишавӣ, ҳадафмандӣ, синни психологӣ, давомнокии интизорравандаи ҳаёт, интерналнокӣ, экстерналнокӣ, коэффитсиенти калонсолӣ.

Кори диссертатсионӣ ба хусусиятҳои ҷинсӣ ва синнусолии ташаккулёбии ТСМҲ-и шахс дар синни ҷавонӣ (18-25 солагӣ) бахшида шудааст. Таҳқиқоти додашудаи диссертатсионӣ шарҳи назариявию методологиро доир ба омӯзиши хусусиятҳои ташаккулёбии ТСМҲ-и шахс ва унсурҳои таркибӣ (рӯйдодӣ, замонӣ ва шахсиятӣ) ва омилҳои он (чинсият, синнусол ва фарҳанг) фаро мегирад. Объекти таҳқиқот тасвири субъективии масри ҳаёти шахс мебошад. Предмети таҳқиқотро хусусиятҳои ҷинсӣ ва синнусолии тасвири субъективии мусири ҳаёти шахс дар синни ҷавонӣ ташкил медиҳад. Ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар омӯзиш ва ошкорнамоии хусусиятҳои синнусолӣ ва ҷинсии ТСМҲ-и шахс дар мисоли ҷавонони тоҷик ифода меёбад. Барои амалӣ сохтани ҳадаф чунин вазифаҳо гузошта шуда буданд – муайян кардани гуруҳчин ва методикаҳои таҳқиқот, ошкор намудани хусусиятҳои ҷинсӣ ва синнусолии тасвири субъективии масири ҳаёти шахс дар синни ҷавонӣ, гузаронидани таҳлили коррелятсионӣ дар байни нишондиҳандаҳои ТСМҲ дар ҷанбаи ҷинсӣ ва синнусолӣ.

Дар боби аввали кори диссертатсионӣ таҳлили назариявии табиат ва моҳияти тасвири субъективии масири ҳаёти шахс муҳокима карда мешавад, унсурҳои сохторӣ ва омилҳои ташаккулёбии ТСМҲ-и шахс баррасӣ карда мешавад, хусусан заминаҳои ҷинсӣ ва синнусолии ТСМҲ дар синни ҷавонӣ таҳлил карда мешавад. Дар параграфи дувум тавсифи интихоби методикаҳои таҳқиқотӣ, марҳалаҳои баргузории таҳқиқоти эмпирикӣ оварда мешавад ва тавсифдиҳандаҳои гуруҳчини озмоишӣ баён карда мешавад. Натиҷаҳои таҳқиқи хусусиятҳои ҷинсии ТСМҲ-и шахс дар синни ҷавонӣ муҳокима мешавад. Алоқаҳои коррелятсионии хусусиятҳои синнусолӣ ва ҷинсии ТСМҲ-и шахс дар синни ҷавонӣ тафсир карда мешаванд. Дар қисми хулосавии диссертатсия доир ба натиҷаҳои доир ба хусусиятҳои ҷинсӣ ва синнусолии ТСМҲ бадастовардашуда хулосаҳо бароварда шуда, ҷамъбаст карда шудааст.

Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодашуда тафовути ҷинсии ТСМҲ дар навҷавонон ва ҷавонони донишҷӯ ошкор карда ва заминаи синнусоливу ҷинсӣ доштани ТСМҲ дар мисоли ҷавонони тоҷик исбот карда шудааст. Инчунин аз ҷониби муаллиф тавсияҳо доир ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод шудаанд.

## ANNOTATION

**for dissertation of Shahnozai Sadi Tabari on the topic «Gender-age features of the subjective picture of person's life (course the benchmark is Tajik youth)» for the degree of Doctor of Philosophy (PHD), doctor in specialty 6D050301 - General Psychology, personality psychology, history of psychology**

**Keywords**: subjective picture of the person`s life course, personality, gender characteristics, gender-age conditionality, meaningfulness, perception of time, events, weight and significance of events, controllability, personal control, fulfillment, purposefulness, psychological age, life expectancy, internality, externality, maturity coefficient.

The dissertation is devoted to the gender-age characteristics of forming the subjective picture of the person`s life course at a young age (18-25 years). This dissertation research covers a theoretical and methodological review of the study of the peculiarities of the formation of the subjective picture of the person`s life course and its components (event-based, temporary, and personal) and factors (gender, age, and culture). The object of research is a subjective picture of the person`s life course. The subject of the study is the age and gender characteristics of the subjective picture of an individual's life path at a young age. The purpose of the dissertation research is to study and identify the age and gender characteristics of the individual's life span using the example of Tajik youth, where the following were set tasks: - determining the sample and research methods, identifying gender-age characteristics of the subjective sight of a person's life path at a young age, carrying out a correlation analysis between indicators of the subjective picture of the person`s life course in gender and age aspects.

The first chapter of the dissertation discusses a theoretical analysis of the nature and essence of the **subjective picture of person**'s life course, examines the structural components and determinants of the formation of a person's life course analyses gender-age-related conditioning of **subjective picture of person**'s life course at a young age. The second chapter describes the choice of research methods stages of conducting empirical research and presents the characteristics of the study sample. The results of a study of the gender characteristics of the **subjective picture of person**'s life course at a young age are discussed. The correlations between age and gender are interpreted as features of the personality's life span at a young age. In the final part of the dissertation, conclusions and generalizations are made based on the results obtained about the gender and age characteristics of the **subjective picture of person**'s life course.

Within the framework of the dissertation research, gender differences in **subjective picture of person**'s life course among young and young students were identified, and the age and gender conditionality of the formation of SQL was proved using the example of Tajik youth. Based on the research data obtained, the author formulated and proposed recommendations for their practical application.